*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1)*

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Мумин Машокир ба диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович 28 ноябри соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2011 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси "Маркетинг-агробизнес" бо дипломи аъло хатм намуда, дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намудааст. Аз моҳи октябри соли 2012 ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи омори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод фаъолияти кориашро оғоз ва то сентябри соли 2014 дар вазифаи мазкур кор кардааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз моҳи сентябри соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи маркетинг-агробизнес идома додааст. Аз моҳи сентябри соли 2015 ба ҳайси мутахассиси бахши идоракунӣ ва мониторинги сифати таҳсилот ва аз моҳи январи соли 2021 дар вазифаи ёвари ректори донишгоҳ кору фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович таҳти унвони «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» дар ҷаласаи шӯрои олимони ДДҲБСТ аз 03.04.2018, протоколи №8 тасдиқ гардидааст.

Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар рафти таълифи диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамзамон дар семинарҳои илмӣ-назариявии донишгоҳ ва кафедра бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Аз ҷониби унвонҷӯ имтиҳонҳои минимуми номзадиро бомуваффақият супорида шуда, аз рӯи самти мавзуъ 15 мақолаи илмӣ омода ва нашр гардидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович ба таҳқиқи масъалаҳои саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин омӯзиш ва дарёфти роҳҳои истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷа барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръат, омилҳои таъсиркунанда ба раванди саноатикунонӣ, такомули механизмҳои идоракунии роҳҳои амалишавии ҳадафи саноатикунонии минтақавӣ бахшида шудааст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ басо мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро фаъолияти самарабахши корхонаҳои саноатӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти ватаниву воридотивазкунанда ба сатҳи баланд бардоштани некуаҳолии мардум ва амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар нақши калидиро мебозад.

Ҳангоми иҷроиши рисолаи диссертатсионӣ Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович бо ҳаҷми зиёди адабиёти илмӣ кор намуда, маводҳои зарурии омориро оид ба масъалаи омӯхташаванда ҷамъ ва коркард намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои муосир оид ба саноатикунонии иқтисодиёти минтақа таҳқиқ карда шуда, заминаҳои консептуалии таъмини саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар кори диссертатсионӣ ҷиҳати муайян намудани ҳолати муосири саноатикунонии босуръати иқтисодиёти вилояти Суғд таҳлили амиқ гузаронида шудааст.

Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар асоси таҳқиқотҳои худ такмили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳалли ҳадафи саноатикуниниро асоснок намудааст, ки он дар илми иқтисодии муосири кишвар аҳамияти заруриро ба худ доро мебошад.

Мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ ва арзиши илмии он ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд.

Дар раванди навиштани рисолаи илмӣ Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович худро ҳамчун таҳқиқотчии моҳир нишон дод, ки аз дорои донишҳои васеи назариявӣ ва амалӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни иҷроиши кори таҳқиқотӣ нисбати худ серталаб буда, масъулияти баландро зоҳир намуд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд барои татбиқи раванди саноатикунонии босуръат дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ,

инчунин дар раванди таълим ҷиҳати омодакунии бакалаврҳо ва магистрҳо аз рӯи самти "Иқтисодиёти корхона ва минтақа" истифода гарданд.

Чун хулоса боиси қайд аст, ки дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои гузоштащуда ҳалли худро ёфтанд ва унвонҷӯ ба мақсади ниҳоӣ расидааст.

Боиси қайд аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботҳое, ки аз ҷониби КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо гузошта шуда ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**д.и.и., профессор** **Шарифзода М.М.**

*Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, мкр-и 17, биноu 1,*
*Тел:+7992(38422)2-38-11,7992(38422)2-35-94*

Имзои д.и.и., профессор Шарифзода М.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДХБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

"30" 05 2022